# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии шурои диссертатсионии 6D КОА - 48 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оид ба диссертатсияи номзадии Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табии таҳсилоти олии касбӣ.**

Дар асоси қарори раиси шӯрои диссертатсионии **6D КОА– 48 Сатторов Абдурасул Эшбекович** аз 20.01.2024. комиссияи ташхис дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: доктори илмҳои физика-математика, профессор **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02. узви шӯро, раиси комиссия; доктори илмҳои педагогӣ, **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ** рӯи ихтисоси 13.00.02, узви шӯро; номзади илмҳои педагогӣ **Бубиев Мумин** аз рӯи ихтисоси 13.00.02**..**

Таҳқиқоти диссертатсиони **Аламова Хатичамо Туйбошиевна** ба пуррагӣ омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода, иброз медорад, ки таҳқиқот кори ба итмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар дараҷаи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Таҳқиқот бо тамоми ҳадафҳои стратегии мамлакат оид ба мувофиқгардонии натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва таҷрибавӣ ба воқеъиятӣ обективӣ бештар созгор буда, мушаххасан роҳандозӣ ва беҳтар намудани таълими физика дар шароити кунунии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омодасозии мутахассисони босалоҳияту касбӣ дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мувофиқ мебошад.

Мазмуну муҳтавои мавзуи диссертатсионии Аламова Х. Т. мубрам буда аҳмияти илмӣ дошта барои баланд бардоштани савияи дониши донишҷуёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши физика бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ  мақсаднок мебошад. Аз ҷумла барои дуруст ба роҳ мондани таълими илмҳои дақиқ,

бахусус физика усулҳои гуногун ва самарабахшро бо таври муушаххас мавриди истифода қарор додааст.

Унвонҷу **Аламова Хатичамо Туйбошиевна** дар он ақида аст, ки ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ марҳилаи ҷамъбаскунандаи ҳамаи намудҳои дигари кори таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Дар ҷараёни ташкили технологияи муосир маводҳои таълимӣ ҳаматарафа ҳазм гардида, дониши аз худ кардашуда дар тафаккури донишҷуён мустаҳкам нигоҳ дошта мешавад.

Мақсади таҳқиқот дар коркарди раванди омӯзиши фанни физика тавассути методи ташаккули салоҳиятмандии ТИК-и донишҷӯён ифода меёбад.

Баён гардидааст, ки барои дуруст ба роҳ мондани таълими илмҳои дақиқ, бахусус физика роҳу усулҳои гуногун ва самарабахшро мавриди истифода қарор додан лозим аст. Яке аз ин усулҳои самарабахш дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омӯзиши физика ин тавассути методи ташаккули салоҳиятмандии ТИК-и донишҷӯён ба шумор меравад.

Дар диссертатсия барои татбиқи ҳадафи гузошташуда, унвонҷу иҷрои вазифаи зеринро зарур донистааст:

– муайян ва асоснок кардани самтҳои асосии истифодаи ТИК дар фаъолияти касбии омӯзгорони фанни физикаи умумӣ;

– кушодани моҳият, мазмуну мухтаво ва сохтори омодагии омӯзгорони ояндаи фанни физикаи умумӣ дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияти касбӣ;

– муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани шароитҳои педагогии омӯзгорони ояндаи фанни физикаи умумӣ дар заминаи истифодаи ТИК дар фаъолияити касбӣ.

Дар таҳқиқот масъалаҳои зерин ба асос гирифта шудаанд:

– дар шароити рушди динамикии технологияҳо тағйироти талаботи асосиро ба фаъолияти касбии мутахассис таҳлил намудан;

– дар рафти омоданамоии касбӣ ҳангоми омӯзиши фанни физика ҷузъҳои сохтории салоҳиятнокии ТИК донишҷӯёнро ошкор намудан;

– хусусиятҳои технологӣ ва мундариҷавии фанни физикаро ҳамчун фанни таълимӣ дар раванди омоданамоии касбӣ дар мустақилияти маърифатии ТИК донишҷӯён таҳқиқ намудан;

– дар раванди омӯзиши фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самтҳои асосии таъмини ташаккули салоҳиятнокии ТИК донишҷӯёнро таҳия намудан;

– дараҷаҳо ва меъёрҳои салоҳиятнокии ТИК донишҷӯён дар рафти омӯзиши фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян намудан.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва хулосаҳои таҳқиқотро мувофиқати натиҷаҳои асосии он бо самтҳои рушди фанҳои дақиқ дар Тоҷикистон, таҳлили байнифаннӣ, мутобиқати хулосаҳои ҳосилшуда бо матлабҳои асосии таҳлили сифатноки натиҷаҳои аз ҷамъбасти кори таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада, кофӣ будани заминаи озмоишӣ, ки барои тавсифи сифатноки раванди сифатҳои ахлоқии донишҷӯён заруранд, мавқеъҳои методологии илми муосири психологӣ-педагогӣ ва фалсафӣ, истифодаи самараноки маҷмуи методҳо, ки ба предмет, объект, вазифаҳо ва ҳадафҳои таҳқиқот мувофиқанд, татбиқ намудани тавсияҳои коркардшуда дар амалия таъмин менамояд.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

**Натиҷаҳои умумии экспертизаи комисияи экспертӣ.**

Диссертатсияи **Аламова Хатичамо Туйбошиевна** дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-

комуникатсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табии таҳсилоти олии касбӣ, ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D КОА – 48 омода гардидааст, ба ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

**Қарори комисияи экспертӣ**

Дар асоси банди 56 –и низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиони (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 267 аз 30.06.2021) комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D КОА – 48 қарор менамояд;

1. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсияи номзадии Аламова Хатичамо Туйбошиевна дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ- комуникатсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табии таҳсилоти олии касбӣ, ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D КОА – 48 назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” мувофиқ мебошад.

2. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таълими физика навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назариявӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи омӯзишу парваришро такмил медиҳанд ва ба беҳтар намудани таълими фанни физика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он бараъло эҳсос мегардад, муътамадона мусодат менамоянд.

3. Тибқи ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои нахуст ба таври комил асосноккунии методи назариявӣ, коркарду тавсиби таъминоти ташкилӣ ва педагогии омодасозии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба омодаигии инсон барои фаъолият дар ҷомеаи иттилоотӣ нигаронида шудааст таҳия ва анҷом пазируфтааст.

4. Шумора ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи довталаб ба талаботи “Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии атесстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ” ва меъёрҳои “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” пурра ҷавобгӯ мебошанд. Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертантро ифода менамояд.

5. Дар диссертатсия адабиётҳои истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳои тавассути иқтибосоварӣ, ба расмият дароварда шуда, пурра риоя шудааст.

Диссертатсияи **Аламова Хатичамо Туйбошиевна** дар мавзуи “Ҷанбаҳои педагогии ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши физикаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.02- Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ таҳсилоти олии касбӣ, ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D КОА – 48 назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” амалкунанда барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризони расмӣ аз рӯи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

**Шерматов Дусназар** – доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи “физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионӣ”-и Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

**Назаров Аҳтам** – номзади илмҳои педагоги, дотсенти кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии Донишгоҳи давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Ба нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои физика-математика,
профессор Комилӣ А. Ш.

Узви комиссия:
доктори илмҳои педагогӣ Файзализода Б. Ф.

Узви комиссия:
номзади илмҳои педагогӣ Бубиев М.

Сардори Ш.К. Шукурзода Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС